# Тақризи

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович дар мавзӯи «Усулҳои парвариши шолии ангорӣ дар шароити Ҷанубу Ғарбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.**

Таъмин намудани аҳолии рӯзафзуни кишвар бо маҳсулоти асосии кишоварзии истеҳсоли худӣ, яке аз масъалаҳои асосӣ дар сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, аз муҳаққиқон, мутахассисон, кишоварзон ва дигар масъулини соҳа ҳисси масъулиятшиносии баландро талаб менамояд. Новобаста аз он, ки масоҳати заминҳои корам дар ҷумҳурӣ маҳдуд аст, фаровонии об, мавҷудияти рӯзҳои офтобӣ ва нурафкании босуръати офтоб имконият медиҳад, то заминҳои корами обӣ самаранок истифода гардида, дар як сол аз як майдон ду-се ҳосили зироатҳои кишоварзӣ рӯёнида ва аз ин ҳисоб маҳсулнокии майдонҳои кишт баланд бардошта шавад.

Мувофиқи нишондодҳои бисёрсолаи иқлимӣ, давомнокии давраи ҳарорати фаъоли биологии ҳаво (аз 10 °С боло) баъди дарави зироатҳои тирамоҳӣ дар шароити Ҷанубу Ғарбии Тоҷикистон (минтақаи водигии ноҳияҳои Кӯлоби вилояти Хатлон) ба 140-150 рӯз баробар аст. Ин миқдор рӯзҳо пурра имконият медиҳад, ки аз заминҳои обӣ ҳосили дуюми дон гирифта шавад. Ба сифати зироати ангорӣ (баъди даравии зироатҳои тирамоҳӣ) дар шароити минтақаҳои водигии ҷумҳурӣ зироати ҷуворимакка, ҷуворӣ, арзан, шолӣ, лубиё ва мошро парвариш намудан мувофиқи мақсад аст.

Шолӣ дар байни зироатҳои ғалладона ба баланд будани иқтидори маҳсулнокии худ (140-150 с/га) фарқ мекунад. Новобаста ба он, ки сол аз сол истеҳсоли шолӣ дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби васеъ намудани майдони кишт зиёд мегардад, аммо нишондоди ҳосилнокӣ на он қадар баланд аст. Ин аз номукаммалӣ ва риоя нагардидани технологияи парвариши он гувоҳӣ медиҳад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон кишти зироати шолиро асосан дар фасли баҳор мегузаронанд ва усулҳои парвариши он ҳамчун

зироати ангорӣ ҳоло ба таври лозима омӯхта ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок нашудааст.

Бо дарназардошти ин, диссертатсияи Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович ба ҳалли масъалаи муҳим, яъне омӯзиш ва илман асоснок намудани усулҳои парвариши шолии ангорӣ дар шароити Ҷанубу Ғарбии Тоҷикистон бахшида шудааст, ки дорои аҳамияти илмӣ ва истеҳсолӣ мебошад.

Мақсади асосии диссертатсия - ин бо роҳи гузаронидани таҷрибаи саҳроӣ, илман асоснок намудани усулҳои парвариши шолии ангорӣ (муҳлати кишт, меъёри кишт ва меъёри нурӣ) дар шароити Ҷанубу Ғарбии Тоҷикистон мебошад, ки тавонад ҳосили баланду босифати дони онро таъмин намояд.

Вазифаҳои банақша гирифтаи таҷрибаи илмӣ - омӯзиши хусусиятҳои рушду инкишоф, биометрию фитометрӣ, нишондодҳои фотосинтетикӣ, таркиби ҳосилу маҳсулнокӣ ва асоснокунии иқтисодӣ вобаста аз муҳлату меъёри кишт ва меъёри нурии барои ҳосили тарҳрезишудаи зироати шолии кишти ангорӣ мебошад, ки аз тарафи унвонҷӯ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар натиҷаи омӯзиш муқаррар карда шудааст, ки дар шароити иқлимии Ҷанубу Ғарбии Тоҷикистон гузаронидани кишти ангории шолӣ навъи Авангард дар муҳлати муътадили кишт 10-уми июн, меъёри кишт аз рӯи 7 млн тухмии қобилияти сабзишдошта ва барои рӯёнидани ҳосили 60 с/га дон истифодаи нуриҳои маъданӣ бо меъёрӣ $N_{120}P_{120}K_{50}$ кг/га мувофиқи мақсад буда, нисбатан ҳосили баландро таъмин менамояд.

Навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии кори мазкур аз он иборат мебошад, ки бори аввал дар шароити иқлимии Ҷанубу Ғарбии Тоҷикистон усулҳои парвариши шолии ангорӣ (муҳлати кишт, меъёри кишт ва меъёри нурӣ) аз ҷиҳати илмӣ асоснок, вариантҳои беҳтарин, ки ҳосилнокии баланди дони шолиро таъмин менамоянд ба кишоварзони минтақа ҳамчун тавсияномаи амалӣ пешниҳод карда шудааст.

Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович, соли таваллудаш 1984, соли 2007 факултети агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз рӯи ихтисоси 3102-агрономӣ ва соли 2011 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ хатм намудаст. Соли 2012 аз вазифаи лаборанти кафедраи растанипарварӣ фаъолияти кориашро оғоз намуда, сипас дар вазифаҳои ассистенти кафедраи растанипарварӣ, ассистенти кафедраи агрохимия ва хокшиносӣ ва айни замон ба ҳайси омӯзгори калони кафедраи мазкур фаъолият дорад.

Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда баромада, рисолаи таҳқиқотии худро дар мавзӯи аҳамиятноку мубрами соҳаи кишоварзӣ таҳия намудааст. Ба ӯ муяссар гаштааст, ки дар рисолаи худ усулҳои парвариши шолии кишти ангорӣ ва тавсияҳо оид ба такмили минбаъдаи парвариши ин зироати муҳимми ғизоӣ таҳия намояд.

Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ аҳамияти илмиву амалӣ доранд. Айни замон Шакаров Нодирҷон Ҷамшедовичро чун мутахассиси комилан омодаи илмӣ муаррифӣ кардан мумкин аст, ки ӯ мустақилона таҳқиқоти илмии ҷиддиро ташкилу баргузор намояд ва натиҷаҳои онро дар байни ҷомеаи илмӣ - кишоварзӣ паҳн намояд.

Рисолаи илмии Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович дар мавзӯи «Усулҳои парвариши шолии ангорӣ дар шароити Ҷанубу Ғарбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ дар сатҳи лозима иҷро карда шуда, кори анҷомёфта ба ҳисоб рафта, дорои усулҳои муосири методологӣ ҷиҳати ҳалли масъалаи муҳими кишоварзӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессори кафедраи растанипарварии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур Маҳмадёрзода У.М.

ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН / ТАДЖИКСКИЙ АГРАРНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

Личную подпись тов. Махмадёрзода У.
Заверяю. Н-к отд. кад.